ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲ

# ТАВСИЯНОМА

## оид ба парвариши мурғони сертухм дар хоҷагиҳои деҳқонию инфиродӣ



Душанбе - 2024

**ВАЗОРАТИ КИШОВАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲ**

# ТАВСИЯНОМА

**оид ба парвариши мурғони сертухм**
**дар хоҷагиҳои деҳқонию инфиродӣ**

**Душанбе - 2024**

# «Парвариши мурғони сертухм дар хоҷагиҳои деҳқонию инфиродӣ»

**Мураттибон:** Комилзода Д.Қ. - д.и.к. академики АИКТ., Эргашев Д.Д. - д.и.к., Бобозода О.С. – н.и.к., Бозоров Ш.Э. д.и.к., Норбабаева С.Т. н.и.к., Шамсиддинзода Ф.А. – ходими илмӣ., Одинаев А.С. – мутахасис.

Тавсиянома оид ба парвариши мурғони сертухм дар хоҷагиҳои деҳқонию инфиродӣ аз тарафи олимони шуъбаи парандапарварии интенсивии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ бахшида ба 35–солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз ҷониби Шурои методии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ (аз 10 сентябри соли 2024, №3) маъқул дониста ба нашр тавсия шудааст. Тавсиянома барои мутахасисону хоҷагидорон, донишҷӯён ва шахсоне, ки ба парвариши мурғ шавқу рағбат доранд, тавсия карда мешавад.

## Муқаддима

Мурғпарварӣ яке аз бахшҳои зудрас, сермаҳсул ва сердаромади кишоварзӣ буда хоҷагии халқро бо маҳсулоти серғизою парҳезӣ- тухм ва гӯшт, инчунин болу пар ва поруи арзишнок таъмин мекунад.

Барои истеҳсоли маҳсулоти мурғпарварӣ нисбат ба маҳсулоти дигар соҳаҳои чорводорӣ 2-4 маротиба камтар вақт, хӯрок, меҳнат ва маблағ сарф шуда, соҳа самараи баланди иқтисодӣ медиҳад. Бинобар ин дар урфият мегӯянд: «Аз ҳафт хазинаи ҷаҳон яктои он мурғ мебошад».

Тухм ва гӯшти мурғ маҳсулоти парҳези буда, қобилияти ҳазмшавии баланд ва ғизонокии хубро соҳиб аст. Истеъмоли як тухм метавонад талаботи шабонарӯзии инсонро ба витаминҳо, маводхои минералдор ва аз ҷиҳати биологӣ фаъол то 30% таъмин намояд. Бо назардошти афзалиятнокии ин соҳа дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон барои тезтар таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти серғизою парҳезӣ ба тараққиёти парандапарварӣ аҳамияти авалиндараҷа медиҳанд.

Солҳои охир соҳаи парандапарварӣ бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳоди имтиёзи давлатӣ бо суръат рушд намуда, соли 2023 нисбати соли 2017 саршумори паранда дар ҷумҳурӣ 2,0 маротиба зиёд шуда 10,57 млн сарро ташкил кард. Истеҳсоли тухм дар ҷумҳӯрӣ дар ин солҳо 3,6 маротиба зиёд шуда, соли 2023 ба 1 млр 224 млн дона расид.

Бинобар ин дар рушди мурғпарварӣ дар ҷумҳурӣ саҳми хоҷагиҳои деҳқонию инфиродӣ назаррас мебошад.

## Хусусиятҳои мурғпарварӣ дар шароити хоҷагиҳои деҳқонию инфиродӣ

Парваришу нигоҳбини мурғон дар шароити хоҷагиҳои деҳқонӣ хусусиятҳои хоси худро доранд. Дар шароити хоҷагиҳои деҳқонию шахсӣ барои истеҳсоли тухми парҳезӣ беҳтараш гибридҳои (дурагаҳои) мурғони сертухм ба монанди кросси «Ломан», «Ҳайланд», «Хайсекс» ва дигар кроссҳои сермаҳсул, ки дар хоҷагиҳои махсусгардонидашуда (корхонаҳои парандапарварӣ) парвариш карда мешаванд, бояд истифода бурда шаванд.

Маҳсулоти мурғони кроссҳои номбурда дар шароити Тоҷикистон 220-250 дона тухмро дар як сол ташкил менамоянд, ки нисбат ба мурғони маҳаллӣ (таҳҷоӣ) 2-3 маротиба беҳтар буда, вазни тухмашон ҳам зиёд аст. Дар шароити хоҷагиҳои деҳқонию шахсӣ нигоҳ доштани мурғон дар фарш бо истифодаи майдонҳои чариш нисбат ба нигоҳ доштани онҳо дар қафас беҳтар мебошад. Дар ин ҳолат мурғ метавонад аз хӯрокиҳои дар майдони чарриш мавҷудбуда ва аз нури офтоб самаранок истифода барад.

Меъёрҳои самараноки парваришу нигоҳбини мурғони сертухм дар фарш ва дар қафас дар ҷадвали 1 оварда шудааст. Риоя намудани меъёрҳои парваришу нигоҳбини мурғони сертухм ҳатмӣ буда, барои пешбурди соҳа дар хоҷагиҳои деҳқонию шахсӣ муҳим мебошад. Вояи таркиби хӯроки мурғҳо ва меъёрҳои таркиби хӯронидани ҷӯҷаҳо дар ҷадвали 2 ва 3оварда шудаанд.

Дар сурати истифодаи бештари хӯрокҳои маҳаллӣ (дони зироатҳои лӯбиёгӣ ва ғалладонагиҳо, хӯрокиҳои сабзу сершира ва ғайра) тайр кардани хӯроки омехта пеш аз хӯронидан сурат мегирад. Бинобар ин ба ҳолати намнокии хӯрок, миқдори додани он ва омодакунии бештари онҳо бояд аҳамияти ҷиддӣ дод.

Омехтакунии хӯрокҳои гуногун бо об ё боқимондаҳои коркарди шир бояд чунин сурат гирад, ки хӯрок часпаку

хамирмонанд набошад ва он озодона аз каф резад. Чунин хӯрокро ҳамон миқдор додан лозим аст, ки мурғҳо онро тӯли 30-40 дақиқа хӯранд. Дони лӯбиёгиҳоро беҳтар аст, ки пухта диҳед. Дар тули рӯз ба мурғҳо 3-4 маротиба хӯрок додан зарур аст. Агар истифодаи ягон ғалладона дар алоҳидагӣ пеш ояд, онро беҳтараш бегоҳирузӣ додан зарур аст.

Бояд донист, ки ҳангоми дар фарш нигоҳ кардани мурғҳо имконият доранд талаботашонро (хусусан ҳангоми сайру гашт дар майдонҳои чарриш) бо баъзе хӯрокиҳои витамину сафедадор ва маъдани таъмин намоянд. Аз нурафшонии офтоб ва ҳаракати бештар маҳрум набошанд. Дар катак бошад, мурғҳо ин имкониятҳоро надоранд, бинобар ин вояи хӯрокашон бояд пурбаҳо бошад.

Бо назардошти гармии иқлими кишвари мо (алалхусус дар тобистон) миқдори додани хӯрок бояд ҳамон қадар бошад, ки он дар донхӯрак бисёр истода турш нашавад ва барои таъмин намудани истеъмоли меъёри хӯрок қисмати бештари онро пагоҳии барвақт ва бегоҳӣ соатҳои пастшавии ҳарорат додан зарур аст.

Дар қатори хусусиятҳои хос доштани хӯронидани мурғҳо хӯронидани чӯҷаҳо низ дорои чунин хусусиятҳоянд. Агар аз рӯзи аввал парваришу хӯронидани чӯҷаҳо дуруст ба роҳ монда шавад, дар оянда онҳо мокиёнҳои солиму сермаҳсул мешаванд.

Хӯроки аввалинро ба чӯҷаҳо пас аз тухм баромада хушк шуданашон (пас аз 10-18 соат) медиҳанд. Ин хӯрок метавонад тухми сахт пухташуда, творог, ҷуворимакка ва гандуми ярмакардашуда бошад. Ба тухми пухташуда ярмаи ин хӯрокҳоро омехта карда медиҳанд. Рӯзҳои аввал (3-5 рӯз) хӯрокро мумкин аст дар лаъличаҳои гуногун диҳанд ва баъдтар аз донхӯракҳо истифода намудан лозим аст.

Ҷадвали 1

Меъёрҳои парваришу нигоҳубини мурғони сертухм

| Нишондодҳо | Тарзи нигоҳдорӣ | |
|---|---|---|
| | дар фарш | дар қафас |
| Шумораи мурғон дар масоҳати 1м$^2$, сар | 4-5 | 20-25 |
| Дарозии донхӯрак, см | 8-10 | 8-10 |
| Дарозии обхӯрак, см | 2-3 | 2-3 |
| Шумораи мурғон нисбат ба 1 тухмкунак, сар | 8-10 | - |
| Ҳарорати мӯътадил дар мурғхона, С$^0$ | 10-25 | 15-25 |
| Намнокии мӯътадили ҳаво, % | 60-70 | 60-70 |
| Давомнокии равшанӣ, соат | 14-16 | 14-16 |
| Муҳлати самароноки истифодабарӣ, сол | 1-2 | 1-2 |
| Вакти туллаккунонии сунъӣ, моҳ | 15-16 | 15-16 |
| Сарфи хӯрок ба як сар: дар як рӯз, г | 110-120 | 100-110 |
| Сарфи хӯрок ба як сар; дар як сол, кг | 40-44 | 36-40 |
| Меъёри сафеда дар хӯрок, % | 16-17 | 16-17 |
| Меъёри энергия, ккал /МДж | 270/1.13 | 270/1.13 |
| Меъёри Са, % | 3,3-3,5 | 3,3-3,5 |
| Меъёри Р, % | 0,7 | 0,7 |
| Меъёри Иа, % | 0,3 | 0,3 |

Дар давраи аввал хӯроку обро ба манбаи гармӣ наздик гузоштан зарур аст. Ба чӯҷаҳо додани алафҳои сабз, хӯрокҳои сершира (сабзӣ, лаблабу, кадуи зард ва ғайра), хӯрокҳои маъданиро (оҳаксанг, орди гуштмоҳӣ, орди устухон, бӯр ва ҳоказо) одатан баъди 5-7 рӯзагиашон медиҳанд.

Бо мақсади беҳтар намудани рушду нумӯи ҷавонаҳо ва маҳсулнокии мурғон ба хӯроки онҳо илова намудани бентонит (гили бута) ва оҳаксангҳои маҳаллӣ дар давраи парвариш 1% ва маҳсулнокӣ 2,5-3,5% тавсия дода мешавад. Барои якрангу солим парвариш ёфтани чӯҷаҳо микдори донхӯракҳо бояд басанда бошад.

Ҷадвали 2

Меъёри таркиби хӯронидани чӯҷаҳо
(г ба 1 сар дар шабонарӯз)

| Номгӯи хӯрок | Синни чӯҷа (рӯз) | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1-10 | 11-20 | 21-30 | 31-60 | 61-90 | 91-120 |
| Орди ярмаи ғаладонагиҳо | 2-4 | 4-7 | 7-15 | 15-20 | - | - |
| Дони ғаладонагиҳо | - | 3-5 | 5-7 | 7-10 | 30-40 | 40-45 |
| Кунҷораҳои гуногун | 0,1 | 0,2-0,3 | 0,5 | 1,0 | 2,0 | 3,0-3,5 |
| Твороги беравған | 1,0-1,3 | - | - | - | - | - |
| Картошкаи пухташуда | - | 4,0 | 10,0 | 15-20 | 20-25 | 25-30 |
| Сабӯси гандум | 1,0 | 2,0 | 3,0 | 4,0 | 4-6 | 5,6 |
| Орди моҳӣ ва гӯшту устухон | 0,3-0,5 | 1,0-1,5 | 1,5-2,0 | 2,0-3 | 3-5 | 5,0 |
| Гуштмоҳӣ, бур оҳаксанг | 0,2 | 0,2-0,4 | 0,5 | 0,8-1,5 | 1,5-1,7 | 2,0 |
| Тухми пухташуда | 2,0 | - | - | - | - | - |
| Орди устухон, алаф | 0,1-,02 | 0,2-0,3 | 0,3-0,4 | 0,5-0,9 | 1,5-1,8 | 2,0 |
| Алафи тар ё сабзӣ | 1-3 | 5-7 | 10 | 10-20 | 20-25 | 25-30 |
| Намаки ошӣ | - | 0,01-0,03 | 0,05-0,08 | 0,08-0,1 | 0,1-0,2 | 0,2-0,3 |
| Шири беравған | 5-10 | 15 | 20 | 20-30 | 20-30 | 20-30 |

Набояд фаромуш кард, ки талаботи асоси аз ҳисоби оби нушокӣ тақрибан 80 % қаноатбахш карда мешавад ва фаққат 20% боқимонда аз ҳисоби хӯрок ва мубодилаи моддаҳо аст. Ҳангоми муътадил будани ҳарорату намнокӣ таносуби хӯрдани хӯрок ва нушидани об 1:2 ё 1:3 ро ташкил медиҳад. Ин таносуб дар иқлими ҷумхурӣ метавонад то ба 1:4 ё 1:5 афзоиш ёбад, яъне паранда ба ҳар 100 г хӯроки истеъмолкардааш то 400-500г об

истифода мебарад. Дар ин маврид на танҳо таъминот аз об, балкӣ истифодаи бештари хӯрокҳои серғизо низ мавриди таваҷҷуҳ аст.

Ҷадвали 3

Вояи таркиби хӯроки мурғҳо (г\ба1сар дар шабонарӯз)

| Номгӯи хӯрок | бахору тобистон | тирамоҳу зимистон |
|---|---|---|
| Галадонагиҳои гуногун | 50-60 | 60-70 |
| Орди ярмаи омехтаи ғалладонагиҳо | 30-40 | 25-30 |
| Хӯрокихои маҳсули чорво | 6-8 | 6-8 |
| Кунҷораи гуногун | 7-10 | 7-10 |
| Хӯрокиҳои сабзу сершира | 50-60 | 50-60 |
| Орди алаф | 6-7 | 6-7 |
| Хӯрокиҳои маъданӣ | 5-6 | 5-6 |
| Намаки ошӣ | 0,3-0,5 | 0,3-0,5 |

Дар давраи парвариши чӯҷаҳо нигоҳдории мурғон бо тавсияи духтурони ветеринарӣ чорабиниҳои пешгирӣ ва табобати касалиҳои онҳоро ҳатман дар амал ҷорӣ кард. Парвариши мурғони сертухм дар хоҷагиҳои деҳқонию шахсӣ дар ҳолати риоя намудани меъёрҳою тавсияҳои дар боло зикргашта дар шароити муносибатҳои бозоргони метавонад манфиати хуб орад ва асоси самаранокии хоҷагӣ гардад.

**Пешгирии касалиҳои мурғон**

Парвариши чӯҷаҳо хеле машаққатталаб буда аз парандапарвар меҳнати хубро талаб мекунад. Парандапарварони таҷрибадор аз даҳаи дуввум сар намуда ба хӯроки чӯҷаҳо резаи пиёзи сабзро ҳамроҳ мекунанд. Ин ба инкишоф ва баландшавии қобилияти муҳофизати организм мусоидат мекунад. Хоҷагиҳое, ки ба парвариши мурғи марҷон машғуланд бисёртар аз касалиҳои сироятӣ, ангал (паразит) ва касалиҳои дарунаи сирояткунанда зарари иктисодӣ мебинанд.

Нишонаҳои асосии касалӣ камҳаракатӣ, камхӯрокӣ, хоболудӣ, лоғаршавӣ, камтухмӣ, шориши об аз чашму минқор, авҷ гирифтани сулфа, хамидани қанотҳо ва дарунравӣ мебошад. Касалиҳо асосан ҳангоми заиф гардидани организм ба вуҷуд меоянд. Аксар касалиҳо аз ҳисоби камғизоии хӯрока ва таъсири моддаҳои захрнок ба амал меоянд.

Баъзе намудҳои микроарганизмҳо ба организми паранда дохил шуда, оҳиста - оҳиста онро ноором мегардонад ва ҳатто организми ҷавону солимро ба касалӣ дучор мекунад. Ба мурғ ҳангоми хӯрок ва обдиҳӣ диққати махсус додан лозим аст. Онҳо ҳангоми ба касалӣ гирифтор шуданашон, рафтори худро дигар менамоянд. Баъзе касалиҳо на танҳо саршумори зиёди парандаҳоро нобуд месозанд, балкӣ хавфи ба инсон гузаштанро низ дорад, ба мисоли касалиҳои сальмонеллёз, орнитоз, сил, хасактоун, зуком, кандидамикоз ва гайра. Дар ҳолати пайдо шудани нишонаи касалӣ ба нуқтаи хизматрасонии бойтории ҷамоат муроҷиат намудан лозим аст.

Пешгирии касалиҳоро дар мурғхона ташкил кардан лозим аст. Зеро аксар вақт ҳангоми норасоии хӯрока ва об, зич, ҷойгиршавӣ, хунук шудани мурғхона дар ҳолати вайроншавии асбобҳои барқӣ ва ғайра организми паранда заиф гашта, ба касалиҳо гирифтор мешавад. Нигоҳубини парандаҳо ба талаботҳои бойторию санитарӣ ҷавобгу бошад. Парандаҳои солим ва касалро шахсони алоҳида нигоҳубин намоянд.

Ҷӯҷаҳоро ба ҷои гарм ва оби тозаи бо доруворӣ омехтакардашуда таъмин кардан зарур аст. Ҳангоми касалӣ барои мурғони маризгашта донхӯрак ва обхӯракҳои махсус сохта, дар мурғхонаҳо мегузоранд, то ки онҳо ба осонӣ обу дон хӯранд. Ба таври гурӯҳӣ хӯронидан дар таркиби меъёри хӯрока антибиотикҳо дохил менамоянд. Хӯрокаҳои иловагие, ки ба мурғон писанд нест, зуд аз таркиби ратсион гирифтан ба маврид аст.

Гурӯҳҳоро аз парандаҳои касал ва дасту канотҳои шикаста ҷудо карда, зери назорат гирифтан лозим аст. Дар

ҳолати маълум набудани ташхиси касалӣ ягон намуди доруворӣ истифода бурдан мумкин нест. Дар парандапарварӣ бисёртар касалии Нюкасла мушоҳида карда мешавад.

**Касалии Нюкасла**- (хасактоун) касалии вирусӣ буда, асосан системаи асаб, узвҳои нафаскашӣ ва ҳозима осеб мебинад. Нисбат ба дигар парандаҳо мурғи марҷон ба ин касалӣ тобовар мебошад.

**Нишонаҳо-** Дарунравӣ, хир - хири узвҳои нафаскашӣ, шориши луоби бинӣ, сулфакунӣ, вайроншавии системаи асаб ба монанди шахшавӣ, афтидан, муддати бисёр яктарафа хоб кардан, карахтии тамоми бадан, инчунин камшавии тухмкунӣ. Ташхисро дар озмоишгоҳ мегузаронанд.

**Пешгирӣ**. Яке аз роҳҳои пешгирии касалии хасактоун истифодаи саривақтии ваксинаи штамм «Н» мебошад (чӯҷаҳо дар 30 рузагӣ ва баъдан дар 60 рузагӣ бори дуюм бо ин ваксина эм гузаронида мешавад). Барои ҳар як паранда ин нақшаро риоя кардан зарур аст.

**Мубориза бар зидди ҳашаротҳо ва канаҳои паранда**

Бо ин мақсад доруҳои зиддиҳашароти ва зиддиканагӣ дар шакли дуст, маҳлул, эмулсия ё аэрозол истифода бурда мешавад. Ба ҳар як сар мурғи калон як маротиба ба 3-5гр 3-5% хлорофос ё 2-5% севин мепошанд. Ба парандаҳои дар катакҳо нигоҳдошта маҳлули 0,3-0,5 %-и хлорофос, эмулсияи 0,2%-и карбафос ё суспензияи обии 0,25%-и севин (25-50мл) пошида мешавад. Ба фарши мургхонаҳое, парандаҳо бо тарзи озод нигоҳ дошта мешаванд, хлорофос (2г/м) ё (1г/м) мепошанд.

Барои эмин нигоҳ доштани парандаҳо аз касалиҳои гузаранда аввал манбаи сироятро нобуд кардан лозим аст. Мурғони касалро аз солим ҷудо карда нобуд месозанд. Ба воситаи маводҳои махсус асбобҳои ифлосшуда ва анҷомҳои дохили мурғхонаро дезинфексия намудан даркор мебошад. Яке аз омилҳои асосии мубориза бар зидди барангезандаҳо маводҳои махсус ба шумор меравад (бактерисидҳо, вирусидҳо

ва фунгисидҳо). Маводҳои дезинфексиониро аз дуконҳои махсус харидорӣ намуда, ба сифати он аҳамият додан зарур аст.

Новобаста аз шароити хоҷагидорӣ дар яксол ду маротиба мурғхонаро тоза ва сафед карда, дезинфексия мекунанд. Аввал саргини мурғхонаҳоро тоза намуда, баъд аз он ба дезинфексия огоз менамоянд. Саргин, тагандози ифлос, боқимондаҳои хӯрокаро аз мурғхона баровarda месузанд ва таги хок менамоянд. Сурохӣ ва ҷойҳои дастнораси фаршро бо буги об, сода ва собун безарар мекунанд. Донхӯрак ва обхӯракро ҳафтае як маротиба шуста, безарар (дезинфексия) кардан аз манфиат холӣ нест.

Дар фасли зимистон ҳангоми намнокии зиёд асбобу анҷомро бо чароғи сузон безарар мекунанд. Яке аз усулҳои безараркунонии майдонҳои сайругашт ба воситаи маҳлули намаки 5-10% мебошад, аз руи он майдони сайругаштро шудгор намуда, намакобро пошидан ба мақсад мувофик мебошад.